ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи номзадии Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар мавзӯи «Методикаи инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9 – Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пешниҳод шудааст

Диссертатсияи номзадии пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ – инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути истифодаи имкониятҳои дидактикӣ ва герменевтикии матнҳои таълимӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули омӯзгори соҳибсалоҳият, дорои тафаккури таҳлилӣ, интиқодӣ ва қобилияти қабули қарорҳои мустақил аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи интихобнамудаи довталаб мубрам, саривақтӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, бо истифода аз дастовардҳои педагогика, психология, герменевтика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ заминаҳои илмии истифодаи матнҳои таълимиро ҳамчун воситаи рушди фаъолияти фикрӣ ва касбӣ асоснок намудааст. Таҳқиқот ба муайян намудани моҳият, сохтор ва ҷузъҳои таркибии тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ, таҳияи модели рушди онҳо ва санҷиши самаранокии методикаи пешниҳодшуда равона гардидааст.

Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар давоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгории худ худро ҳамчун муҳаққиқи мустақил, мутахассиси соҳибмаълумот, масъулиятшинос ва ташаббускор муаррифӣ намудааст. Ӯ доираи васеи сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, адабиёти педагогӣ, психологӣ ва лингводидактикӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи

маорифро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар асоси онҳо консепсияи илмии таҳқиқоти худро ташаккул додааст. Дар ҷараёни иҷрои диссертатсия унвонҷӯ сатҳи баланди фарҳанги илмӣ, маҳорати таҳлили адабиёти илмӣ, коркарди маълумоти таҷрибавӣ, хулосабарории илмӣ ва истифодаи дастовардҳои муосири педагогика, психология ва методикаи таълимро нишон дод. Маҳз чунин сифатҳои касбӣ ва шахсӣ ба ӯ имкон доданд, ки таҳқиқоти мазкурро дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода, ба натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва амалӣ ноил гардад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ масъалаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳанӯз ба таври кофӣ ҳаллу фасли илмӣ наёфтааст. Таҷрибаи таълим нишон медиҳад, ки донишҷӯён аксаран ба азхудкунии донишҳои назариявӣ маҳдуд гардида, имкониятҳои матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти таҳлилӣ, тафсирӣ ва рефлексивӣ ба таври пурра истифода намешаванд. Таҳқиқоти мазкур маҳз ба ҳалли ин масъала равона гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳият, мазмун ва сохтори тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогиро ҳамчун падидаи психологию педагогӣ асоснок намуда, имкониятҳои равиши герменевтикиро ҳамчун асоси методологии рушди фаъолияти маърифатӣ ва касбӣ муайян кардааст. Ҳамчунин нақши матни таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикии рушди тафаккур ва ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони оянда нишон дода шудааст.

Боби дуюм ба масъалаҳои методӣ ва технологии рушди тафаккур ва салоҳиятмандӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат технологияҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, усулҳо ва шаклҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимӣ таҳия гардида, имкониятҳои дидактикии онҳо дар рушди фаъолияти фикрии донишҷӯён асоснок карда шудаанд.

Муаллиф модели рушди тафаккур ва салоҳияти касбиро дар асоси тафсири герменевтикии матн таҳия намуда, сохтор, ҷузъҳо ва механизмҳои амалисозии онро муайян кардааст.

Дар боби сеюм ташкили тадқиқоти таҷрибавӣ, нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккур ва салоҳияти касбии омӯзгорони оянда пешниҳод гардидаанд. Натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи методикаи пешниҳодшуда ба рушди қобилияти таҳлил, тафсир, рефлексия ва қабули қарорҳои педагогӣ мусоидат намуда, сатҳи салоҳиятмандии касбии донишҷӯёнро баланд бардоштааст. Коркарди омории натиҷаҳо эътимоднокӣ ва самаранокии методикаи пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар шароити таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ дар заминаи равиши герменевтикӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф модели махсуси рушди тафаккур ва салоҳиятмандиро пешниҳод намуда, технологияи таҳлил ва тафсири матнҳои таълимиро ҳамчун воситаи рушди фаъолияти маърифатӣ ва касбӣ муайян кардааст.

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар такмили асосҳои назариявии педагогикаи олӣ, рушди назарияи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорон, инчунин асоснок намудани имкониятҳои равиши герменевтикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ зоҳир мегардад. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳо, тавсияҳо ва маводи методии пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардида,

дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод ва муҳокима шудаанд.

Диссертатсия бо риояи талаботи методологии таҳқиқоти илмӣ, пайдарҳамии мантиқии масъалаҳо ва услуби илмӣ иҷро гардидааст. Муҳтавои диссертатсия ба самт ва талаботи ихтисоси 5.3.5.9 – Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пурра мутобиқат менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар мавзӯи «Методикаи инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9 – Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
махсус ва таҳсилоти фарогири
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Маҷидова Бибиҳафиза

Имзои Б. Маҷидоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода Сайвали Муҳибулло

Суроғаи муассисаи пешбар: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj